«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
д.и.т., профессор _____Ибодуллозода А.И.
«28» _____ соли 2026

ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи Солеҳзода Шоира Солеҳ дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика. 5.3.5.3. – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ

Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсияи доктории Солеҳзода Шоира Солеҳ дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика. 5.3.5.3. – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ мутобиқат менамояд.

Дар замони муосир тақозои ҷомеа ва соҳаи маориф баланд бардоштани сифати таълим, азхудкунии донишҳои бунёдӣ, ташаккули маҳорату малакаҳои фарҳанги нутқ ва салоҳияти иртиботии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад. Ташаккули фарҳанги нутқ тавассути воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ яке аз масъалаҳои меҳварии методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик ба ҳисоб меравад. Аз бар намудани талаботи Стандарт ва барномаи забон ва адабиёти тоҷик як тарафи масъала бошад, тарафи дигари он, ташаккули маҳорати суханварӣ, ахлоқи муошират, баёни фасеҳ, шинохти вежагиҳои каломи бадеъ ва воситаҳои муассири нутқ маҳсуб меёбад. Барои мутобиқ шудан ба талаботи стандарти таълим ташаккули маҳорат ва малакаҳои хуби гуфтору навиштор, ба дурустӣ донистани меъёрҳои забони адабии тоҷикӣ, омӯзиши судманду самарабахши ВПФ-и тоҷикӣ зарур аст.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Дар таҷрибаи кунунии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба омӯзиши муназзами воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва нақши онҳо дар рушди нутқи фасеҳу балеғ ва баланд бардоштани сатҳи маърифативу ахлоқии муҳассилин таваҷҷуҳи кофӣ

зоҳир нагардидааст. Дар барномаву китобҳои дарсӣ барои инкишофи нутқи хонандагон дар заминаи паремия ва фразеологизмҳо соатҳои алоҳида ва усулҳои дақиқи методӣ кам пешбинӣ шудаанд. Муаллифи диссертатсия бо такя ба маводди фаровони пажуҳишӣ ва луғатномаю донишномаҳо муҳимтарин хусусиятҳои воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологиро таҳқиқ намуда, мавқеи онҳоро дар ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон ба риштаи таҳлил кашида, моҳияти ин масъаларо дуруст дарк намуда, баҳри бозкушоии гиреҳҳои марбут ба таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва рушди фарҳанги нутқи хонандагон ҳиммат гумоштааст, ки шоистаи дастгирӣ ва таҳсин мебошад.

Диссертатсия бо равиши хуби илмӣ иншо шуда, дар он таълими паремия ва фразеология ҳамчун низоми ягонаи лингводидактикӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Ин низом аз шинохти воҳидҳои муассири забон, дарки маъно, таҳлили сохтор ва тобиши услубӣ оғоз шуда, ба истифодаи мустақилона дар ҷумла, матн, нақл, иншо, эссе, муколама ва мубоҳиса мерасад. Натиҷаҳои бадастомада гувоҳи онанд, ки интихоби мавзуъ ва равиши баррасии илмиву методии он дуруст пайгирӣ шудааст.

Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаву пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд. Кори диссертатсионии Солеҳзода Ш. С. дар такя ба маводи осори назариявии педагогика, равоншиносӣ, забоншиносӣ, адабиётшиносии рӯйикоромада ва осори илмию назаривӣ ва таълимии макотиби олӣ таҳия гардида, мавзуи таҳқиқ бо такя ба ин манобеъ матраҳ шудааст.

Метавон гуфт, ки гузоришҳои илмии муаллиф ва хулосаву пешниҳодҳои ӯ дар раванди тадриси масоили типологии забоншиносӣ дар макотиби олӣ, таҳияву таҳқиқи луғатномаҳои дузабонаи таърихӣ ва муосир, тарҷумаи дурусти осор, махсусан шинохти нусхаҳои саҳеҳи англисии «Маснавии маънавӣ», дорои аҳаммияти хосса мебошад.

Маводи нашрнамудаи муаллиф ва гузоришҳои дар конфронсҳои сатҳи гуногун ироагардида нишон медиҳад, ки андешаҳои илмӣ ва натиҷагириҳои аз таҳқиқ бадастовардаи муаллифи диссертатсия комилан далелнок аст.

Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда. Навгонии диссертатсияи доктории Солеҳзода Шоира Солеҳ, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки нахустин маротиба дар илми педагогикаи тоҷик методикаи таълими воҳидҳои паремиологӣ ва

фразеологӣ ҳамчун асоси ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон дар дарсҳои забони тоҷикӣ таҳқиқ ва аз таҷрибаву озмоиши педагогӣ гузаронида шуд. Дар ин замина, аҳаммияти таълими ин воҳидҳои забон ҳамчун раванди маърифатии хонандагон ва мавқеи таҳлили осори адабӣ барои дарки арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Методикаи ҳамгирои таълими паремияву таъбирҳо ҳамчун низоми воҳид барои ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон коркард ва низоми асосноки илмию методӣ дар робита ба таҳлили лексикиву семантикӣ корбаст гардид, ки он дар заминаи арзишҳои ахлоқиву маънавӣ шароити мусоиди таълимиро фароҳам меорад. Дар раванди таҳқиқот навъҳои хатои хонандагон дар истифодаи ин воҳидҳо ошкор ва роҳҳои самарабахши бартарафсозии онҳо муайян ва меъёрҳои интихоби асосноки воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологии ба таҳкими арзишҳои маънавии хонандагон нигаронидашуда муқаррар гардиданд. Ҳамчунин низоми махсуси машқу супоришҳо ва нақшаву маҷмуи чорабиниҳои беруназдарсӣ барои баланд бардоштани сатҳи донишу малакаи хонандагон ва такмили фарҳанги нутқи онҳо дар заминаи паремияву таъбирҳо мураттаб ва пешниҳод гардид. Навгонии дигари диссертатсия аз равиши таҳлили маънои вожаву ифодаҳо, такмилу пурракунии ҷумла ва матн, баёни мазмуну ғояи зарбулмасалу мақолҳо ва панду ҳикматҳо бо усули фаъоли таълим иборат буда, усули хоси таҳлилу таҳияи матн ва нақли шифоҳиву хаттӣ бо истифодаи воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар раванди таълими забон ва адабиёти тоҷик ба риштаи таҳлил кашида шудаанд.

Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия. Докторант Солеҳзода Ш. С. роҳу усули таълим ва шаклҳои кор бо воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ аз рӯйи матнҳои бадеиро таҳқиқ намудааст. Асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккули фарҳанги нутқ (ФН) ва салоҳияти иртиботии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шароити муосир такмил дода шуданд. Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар инкишофи тафаккури мантиқӣ ва эҷодкории хонандагон аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуд. Меъёрҳои интихоби воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ коркард шуда, масъалаҳои грамматикӣ ва шарҳи маънову мазмуни онҳо мавриди таҳлил қарор гирифтаанд, ки ин раванд ба ташаккули салоҳияти забонӣ ва парвариши хислатҳои баргузидаи ахлоқиву маънавии хонандагон роҳ мекушояд. Аҳаммияти дарки ғоя ва андешаҳои амиқи ахлоқиву маънавии ин воҳидҳои забон, ки дар шакли муҷаз, салис ва панду ҳикмат баён

ёфта, дар таълиму тарбияи насли наврас мавқеи муҳим доранд, асоснок карда шудааст. Дар рисола нақши омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ҳамчун омили рушди тафаккури интиқодӣ ва таҳлилии хонандагон собит гардида, имконияти шинохти ин воҳидҳо ва навъҳои он, аз қабили зарбулмасал, мақол, панду ҳикмат ва андарзҳо ҳамаҷониба баррасӣ шудааст. Методологияи ҳавасмандгардонии шавқу рағбати хонандагон ба омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ тавассути мутолиаи осори адабӣ, матнҳои таълимӣ ва кор бо технологияҳои иттилоотӣ таҳия ва пешниҳод гардидааст. Натиҷаву хулосаҳои таҳқиқро метавон дар таълиму тадриси фанни забон ва адабиёти тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба кор бурд. Инчунин натиҷагириҳо ва хулосаҳои диссертатсияи мавриди назар барои баланд бардоштани салоҳияти забонӣ, иртиботӣ ва адабии хонандагон тавассути воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ, ҷустуҷуйи усули нави кор зимни таълими ин воҳидҳои забон ва кор бо матни бадеӣ самаранок ва муҳим арзёбӣ мегардад. Таҳияи низоми кор оид ба ташаккули малакаҳои нутқи хонандагон дар ҷараёни омӯзиши паремия ва фразеология дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик, роҳандозии машғулиятҳои беруназсинфӣ бо такя ба салоҳияти иртиботӣ, истифодаи силсилаи машқҳо ва амсилаҳои таҳияшуда ҳангоми таҳриру такмили барнома ва китобҳои дарсӣ ба баланд шудани самаранокии ин раванд мусоидат менамоянд. Низом ва амсилаи манзургашта имкон медиҳад, ки рушди малакаҳои фарҳанги нутқи хонандагон пайваста пайгирӣ карда шавад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ. Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаи таҳқиқотро назария ва амалияи ҳаллу фасли нуктаҳои баррасигардида аз омӯзиш ва таҳлили осори илмӣ, бадеӣ, равоншиносӣ, равишшиносӣ, муқоисаи натиҷаҳои бадастомада дар гурӯҳҳои таҷрибавию озмоишӣ, таҷрибаи шахсии муаллиф таъмин кардаанд. Бардоштҳои аз пажуҳиш бадастомада, ки дар шакли мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводди конференсияҳои илмию амалии сатҳи ҷумҳурӣ ва байналмилалӣ, инчунин дигар маҷмуаҳои илмӣ ба нашр расидаанд, собит мегардад.

Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он. Саҳми шахсии довталаб дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаҳои вобаста ба таҳқиқот, алалхусус, дар пажуҳиши самтҳои бунёдӣ ва амалӣ, гирдоварӣ ва таҳлили мавод; дар

истифодаи силсилаи усул ва методҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот; дар заминаи ташкили таҷриба ва тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар раванди озмоиш, таҳлили натиҷаҳо ва коркарди маводи таҷриба, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, конференсияҳо, ҳамоишҳои илмию амалӣ (сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ), интишори мақолаву дастури таълимӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи диссертатсия инъикос меёбад.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ. Муҳтавои асосии диссертатсия дар 46 номгӯй мақолаи илмӣ ва методӣ, аз ҷумла, 19 мақола дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ ёфтаанд ва пурра натиҷаҳои диссертатсияро фаро мегиранд. Теъдоди маводди чопшудаи диссертант ба талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсияи Солеҳзода Ш.С. аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқ, панҷ боб, бо фаслҳо, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва феҳристи адабиёт иборат буда, ба талаботи илмии диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ ҷавобгӯ мебошад.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия доир ба мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, манбаъҳо, ихтисораҳо, асосҳои назарӣ ва методологии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқ, навгонии илмиву тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ маълумот пешниҳод шуда, муҳиммияти мавзуи таҳқиқ ва объекту предмета он мушаххас карда шудааст.

Боби аввали диссертатсия «**Асосҳои илмӣ – методии омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ, фразеологӣ ва фарҳанги нутқ**» (саҳ. 18-97) унвон дошта, дар он аз бобати вижагиҳои сохторию маъноии пешояндҳо, пайвандакҳо ва ҳиссачаҳо сухан рафта, аз се фасл иборат мебошад. Дар фасли аввали боби якум «Аз таърихи омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ» андешаҳои муҳаққиқони тоҷику русро доир ба омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ (корҳои М. Шакурӣ, Т. Зеҳнӣ, Р. Ғаффоров, Ш. Рустамов, А. Маниёзов, М. Фозилов, Н.Шанский, В. Виноградов, Б. Головин ва дигарон) мавриди баррасӣ қарор додааст.

Дар се фасли дигари ҳамин боб муаллиф тафовути сохториву маъноии фразеологизмҳо, зарбулмасалҳо, мақолҳо ва панду ҳикматҳоро нишон дода, забони адабиро меъёри асосии фарҳанги нутқ арзёбӣ мекунад. Мафҳуми фарҳанги нутқ аз ҷанбаҳои меъёрӣ, иртиботӣ ва ахлоқӣ таҳлил гардидааст.

Дар **боби дуюми** диссертатсия «Заминаҳои методологии ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон зимни таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ» (саҳ. 98-135) мавқеи муносибати босалоҳият ба таълими забон ва адабиёти тоҷик таҳқиқ мешавад. Доир ба мафҳумҳои фасоҳат ва балоғати каломро дар рисолаҳои бадеиву балоғии классикӣ аз нигоҳи омӯзишу тарбияи насли наврас маълумоти дурусту мукаммал манзур карда шудааст. Роҳҳои такмили захираи луғавии хонандагон зимни тафсири лексикӣ-семантикии воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ мушаххас шудаанд.

Таҳлили гузориш ва ҳалли масъалаи мавриди назар собит месозад, ки ВПФ - ибора ё ҷумлаи муҷаз, вале пурмазмун ва фикрбарангез ҳастанд, ки маъмулан ҳақиқат, таҷрибаи зиндагӣ ва қонунҳои ҳаёти инсонро бо шеваи зебову шево баён мекунад. Он падидаҳои гуногуни эҷодиёти шифоҳӣ: панду андарз, зарбулмасалу мақол, воҳидҳои фразеологиро фаро мегирад ва баъзан ҷудо кардани онҳо аз ҳамдигар басе душвор мебошад. Таълими ВПФ дар МТМУ, муайян сохтани вежагиҳои маъноиву грамматикӣ, доира, ҳаҷм, ҳудуд ва мавқеи корбасти онҳо аз масъалаҳоест, ки пайваста таваҷҷуҳи аҳли назарро ба худ кашида, вале ҳанӯз андешаҳои қатъии мушаххас вуҷуд надорад. Сабаби асосӣ дар он аст, ки дар бораи ба фразеология дохил шудан ё нашудани ВП (зарбулмасалу мақол, панду ҳикмат) олимон то ҳол фикри ягона надоранд. Гурӯҳе онҳоро ба фразеология дохил мекунанд, гурӯҳи дигар, баръакс, воҳидҳои мустақил меҳисобанд.

Дар робита ба муносибати босалоҳият ба таълим омӯзиши ВПФ хонандаро водор месозад, ки мантиқ, маъниҳои пӯшидаву рамзии онҳоро дарк намояд ва дар ахлоқу тарбия низ таҳаввулот падид ояд. Нақши ВПФ дар ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон аз он иборат аст, ки фикрронии бомантиқ ва пурмазмунро инкишоф медиҳад. Бо омӯзиши ВПФ, воситаҳои тасвир ва санъатҳои бадеӣ (ташбеҳ, истиора, киноя), ки суханро дилписанд, рангин ва ҷолиб мегардонад, ҳиссу завқи зебопарастии хонандагон парвариш меёбад. Истифодаи пайваста ва бамавриди онҳо дар нутқи хонандагон аз ғановати захираи луғавӣ ва

салоҳиятнокии шогирдон дарак медиҳад. Соҳиби нутқи бою ғанӣ имкони шарҳи маъноҳои амиқ ва муошрати дурусту судмандро пайдо мекунад.

Боби сеюми диссертатсия - «Методикаи таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар асоси стандарт, барнома ва китобҳои дарсӣ» (саҳ. 136-217) аз се фасл ташаккул ёфтааст. Дар он мавқеи воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар Стандарт, барнома ва китобҳои дарсии забон ва адабиёти тоҷик (синфҳои V-XI) мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Таҳлил нишон дод, ки маводди паремиологӣ ва фразеологӣ дар китобҳо фаровон аст, аммо он аксаран ҳамчун ҷузъи матн ё мисоли алоҳида пешниҳод мешавад. Низоми пайвастаи фаъолгардонӣ, такрор, мураккабсозӣ ва истифода дар нутқ ба таври кофӣ таъмин нашудааст.

Ба назар гирифтани ҳамгироии фанҳои ЗАТ дар барнома ва машқу супориши китобҳои дарсӣ яке аз рукнҳои асосии низоми таълими муосир ба шумор рафта, раванди пайвастаи ташаккули малакаҳои нутқ ва дарки бадеии оламро таъмин менамояд. Дар ҷараёни таълими ҳамгиро омӯзиши қоидаҳои грамматикӣ, имло ва услубшиносӣ на дар шакли назарияпардозӣ, балки дар заминаи матнҳои хуби бадеӣ анҷом мепазирад. Хонанда воҳидҳои луғавӣ, муродифот, мутазод, ҳамгунаҳо, санъатҳои бадеӣ ва ВПФ-ро на танҳо ҳамчун таърифу қоида, балки чун воситаи ифодаи эҳсосу андеша дарк менамояд. Чунин усули таълим на танҳо сифати азхудкунии маводро беҳтар месозад, балки дар зеҳни шогирдон тафаккури интиқодӣ ва зебошиносиро инкишоф медиҳад.

Мувофиқи Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ барои синфҳои 5-11 (соли 2018) ба омӯзиши воҳидҳои фразеологӣ дар боби «Калима (лексика) ва таъбирҳо (фразеологизмҳо)» барои синфҳои 7-ум 14 соати қаблӣ ва 4 соат барои ташаккули салоҳияти иртиботӣ ба назар гирифта шудааст. Аммо омӯзиши ВПФ бояд танҳо бо ин соатҳо маҳдуд нашавад. Маводди китобҳои забон ва адабиёт имконият медиҳад, ки омӯзиш дар ҳамаи синфҳо, ҳангоми таҳлили матн, луғат, услуб, асари бадеӣ ва корҳои хаттӣ идома ёбад.

Дар **боби чоруми** диссертатсия, ки «Роҳҳои ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон зимни омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ» (саҳ. 218-272) ном дорад, доир ба хусусиятҳои дидактикии воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологии тоҷикиро асоснок карда, роҳу усулҳои фаъоли инкишофи нутқи шифоҳиву хаттии хонандагонро тавассути таҳлили матн, эссе, нақли хаттӣ, иншо, ислоҳи хатоҳо пешниҳод

менамояд. Низоми машқҳо дар рисола аз вазифаҳои таҳлилӣ ба эҷодӣ тамоюл дорад. Марҳилаи аввал шинохт ва фаҳмидани маъно аст. Марҳилаи дуюм муқоиса ва гурӯҳбандӣ мебошад. Марҳилаи сеюм интихоби мавриди истифода ва таҳрири хато аст. Марҳилаи чорум истифода дар ҷумла, муколама ва матн мебошад. Марҳилаи панҷум эҷоди иншо, эссе, нақл, гузориш ё мубоҳиса бо истифодаи мустақилонаи ВПФ аст.

Барои рушди нутқи шифоҳӣ саволу ҷавоб, нақли монологӣ, муколама, мубоҳисаи гурӯҳӣ, ҳимояи лоиҳа, нақши бозӣ ва шарҳи матн пешниҳод шудааст. Масалан, мақолҳои баҳсталаб метавонанд меҳвари мубоҳиса шаванд. Хонанда бояд маънои мақолро шарҳ диҳад, мавқеи худро муайян кунад, далел биёрад, ба андешаи дигарон посух диҳад ва дар анҷом хулоса барорад. Дар ин раванд ВПФ аз маводди азёд ба воситаи андешаронӣ табдил меёбад. Барои рушди нутқи хаттӣ навъҳои гуногуни кор истифода мешаванд: нақли мухтасар ва муфассал, шарҳи хаттии маъно, таҳрири матн, навиштани иншо ва эссе, таҳияи ҳикоя аз рӯйи мақол, муқоисаи ду панд, гузориш ва кори лоиҳавӣ. Меъёрҳои баҳодиҳӣ бояд на танҳо шумораи ВПФ, балки дурустии маъно, мувофиқати контекстӣ, устувории сохтор, табиӣ будани истифода, мантиқ ва равонии матнро дар бар гиранд.

Фаъолияти беруназсинфӣ идомаи мантиқии дарс дониста шудааст. Маҳфили суханварӣ, озмуни мақолдонӣ, конфронси хонандагон, сабқати зеҳнӣ, намоиши саҳнавӣ, вохӯрӣ бо адибону рӯзноманигорон, таҳияи деворнома, подкаст ё луғатчаи синфӣ имконият медиҳад, ки воҳидҳои омӯхташуда дар вазъияти воқеии муошират фаъол гарданд. Натиҷаи боби чорум собит месозад, ки ташаккули фарҳанги нутқ танҳо бо шарҳи омодакардаи омӯзгор ба даст намеояд. Хонанда бояд воҳидро пайдо кунад, маънояшро кушояд, мавқеи истифодаашро санҷад, бо дигар воҳидҳо муқоиса намояд, дар матн истифода барад ва натиҷаи интихоби худро арзёбӣ кунад.

Боби панҷуми диссертатсия «Озмоиши муқарраркунанда ва таълимӣ дар раванди омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ» (саҳ. 273-313) ном дошта, шомили ду фасл аст ва дар он раванд ва натиҷаҳои таҷрибаи педагогӣ инъикос ёфтаанд. Озмоиши муқарраркунанда барои арзёбии сатҳи ТФН-и хонандагон дар заминаи омӯзиши ВПФ-и тоҷикӣ ҳамчун воситаи самарабахши сайқал додани ҳусни калом, салоҳияти маърифатии хонандагон корбасти ВПФ-и тоҷикӣ дар нутқи шифоҳӣ ва

хаттӣ; баҳодиҳӣ ба салоҳияти шинохти маънои ВПФ; арзёбии сатҳи идроки арзишҳои миллӣ-ахлоқии ВПФ; муайян кардани самарабахшии ВПФ ба ТФН-и хонандагон мебошад. Аз нигоҳи илмӣ-методӣ ташкил кардани озмоиши муқарраркунанда моҳияти таълими ВПФ-и тоҷикиро дар МТМУ асоснок карда, барои озмоиши таълимӣ замина мегузорад.

Ин навъи озмоиш на ҷиҳати тағйири вазъи таълими ВПФ, балки хусусияти ташхисӣ-муқарраркунӣ дошта, зарурати таҳияи модели методии махсусро ба миён мегузорад ва салоҳияти хонандагонро дар истифодаи ВПФ рӯйнамо месозад, меъёр ва нишондиҳандаҳои рушди фарҳанги нутқи хонандагонро мушаххас мегардонад; заминаи амалӣ-эмпирикии боэътимод барои хулосаҳои методӣ фароҳам меорад. Сатҳу сифати баёни фикр дар ҷараёни нутқ тавассути корбасти ВПФ, таносуби калом, завқи зебоишиносии хонандагон мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Риояи чанд омил: мутобиқати супоришҳо ба хусусиятҳои синнусолии хонандагон ва дар доираи талаботи стандарти давлатӣ, барномаҳои таълимӣ ва муҳтавои китобҳои дарсӣ қарор доштани маводди таълим ва аҳаммияти тарбиявии ВПФ ҳатмӣ мебошад.

Натиҷаи ибтидоӣ нишон дод, ки дар синфҳои V–VI зиёда аз 58 фоизи хонанда дар сатҳи пасти фарҳанги нутқ қарор дошт; сатҳи баланд 20 фоиз, сатҳи миёна 14 фоиз ва сатҳи ниҳоят паст 8 фоизро ташкил дод. Ин нишондиҳанда зарурати тағйири методикаи махсусро тасдиқ намуд. Дар иртибот ба ин ҳадафҳо бо фаро гирифтани беш аз 150 нафар омӯзгор ва 470 нафар хонандаи синфҳои V-XI гимназияҳои №1 ба номи Раҳим Ҷалил, №4, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №2 ба номи Зайниддин Осимов, №5 ба номи 20-солагии Тоҷикистон, №6 ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ, №23 ба номи А.Фирдавсӣ, №12 ба номи Аловуддин Бобоев, литсейи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистони шаҳри Хуҷанд ва муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №12-и ба номи Мирзобарот Исмоилов, №15 ва гимназияи умумии №2-и ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд давраи аввали озмоиши педагогӣ-озмоишии муқарраркуниро ба таъсис фаро гирифтем. Дар ҷараёни ин озмоиш суҳбат ва пурсишнома (анкета) бо омӯзгорон ва хонандагон бо мақсади муайян кардани сатҳи идрок ва корбасти ВПФ-и забони тоҷикӣ дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ гузаронида шуд:

Дар озмоиши муқарраркунанда аз тест, мусоҳиба, пурсишнома, шарҳи маъно, таҳлили кори хаттӣ ва мушоҳидаи дарс истифода шуд. Мақсад танҳо муайян кардани шумораи воҳидҳои маълум набуд. Се

ҷанба санҷида шуд: якум – фаҳмидани маънои аслӣ ва маҷозӣ; дуюм – нигоҳ доштани сохтори устувор; сеюм – истифодаи дуруст ва мавридшиносона дар ҷумла ва матн. Таҳлили натиҷаҳо пас аз баргузории озмоиши муқарраркунӣ, ҷамъоварии маводу маълумоти зиёд имкон дод, ки сатҳи рушди фарҳанги нутқи хонандагон дар заминаи омӯзиши ВПФ-и забони тоҷикӣ дақиқ гардид ва барои оғози таҳқиқи марҳилаи дигар - озмоиши ташаккулёбанда мусоидат намуд. Маълумоти бадастомада аз ду ҷиҳат сурат гирифт: таҳлили миқдорӣ ва гурӯҳи сифатӣ.

Дар озмоиши таълимӣ гурӯҳи таҷрибавӣ бо истифодаи муносибати босалоҳият, усули фаъол, кор бо матн, луғатномаҳо, масъалагузорӣ, кори гурӯҳӣ ва супоришҳои эҷодӣ таълим гирифт. Дар гурӯҳи назоратӣ усули маъмул – шарҳи омӯзгор, маводди китоб ва иҷрои машқҳои анъанавӣ истифода шуд. Наздик будани шумора ва сатҳи ибтидоии гурӯҳҳо барои муқоисаи воқеии натиҷаҳо замина фароҳам овард. Озмоиши таълимӣ ҳамчун марҳилаи асосӣ собит кард, ки омӯзиши ВПФ ва воҳидҳои дигари паремиологӣ ҳамчун воситаи муассири ТФН-и хонандагони МТМУ дар сурати истифода аз воситаҳои босамари роҳу усули муосир ва фановариҳои иттилоотӣ ба натиҷаҳои дилхоҳ оварда мерасонад.

Хулосаи диссертатсия фарогири масоили дар бобу фаслҳо баррасигардида буда, вазифаҳои гузошташуда пурра ҳал шудаанд. Натиҷагириҳо мазмуну муҳтавои диссертатсияро ба тариқи фишурда дар бандҳои ҷудогона фаро гирифта, вобаста ба ҳар як масъалаи мубрами таҳқиқ назари мушаххаси муҳаққиқ оварда шудааст ва ҳар бобу фасли таҳқиқоти диссертатсионӣ бо хулосаҳои амиқу мушаххаси илмӣ натиҷагирӣ гардидаанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Солеҳзода Ш.С. дар сатҳи баланд анҷом дода шуда, бандубаст, ҷобаҷогузории бобу фаслҳо ҷавобгӯ ба талабот роҳандозӣ гаштааст. Таҳқиқоти комилу фарогир будани диссертатсияро аз он низ метавон дарк кард, ки мисолҳои таҳлилшудаи ҳар бобу фаслҳо бевосита инъикоскунандаи номи онҳо мебошад. Хулосаи диссертатсия фарогири 13 банд буда, ҳар як банд ба мақсад ва вазифаҳое, ки диссертант дар пеш гузоштааст, пурра мувофиқат менамояд. **Тавсияҳои** муаллифи диссертатсия низ оид ба истифода амалии натиҷаҳои таҳқиқ низ хеле муҳимму арзишманд маҳсуб меёбанд ва татбиқи амалии онҳо ба таври мушаххас нишон дода шудааст.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Диссертатсияи Солеҳзода Шоира Солеҳ дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон» ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат менамояд.

Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ. Тахассуси илмии довталаб – Солеҳзода Шоира Солеҳ ба ихтисоси илмии дархостшаванда - 5.3. Педагогика. 5.3.5.3. – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ мутобиқат менамояд

Таҳқиқи диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки дорои **с**охтори ягона ва низоми мантиқӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона таълиф шудааст. Хусусан мулоҳизаҳои шахсӣ, масъалагузорӣ, ва истифода аз равишҳои илмӣ зимни таҳлилу таснифи моддаҳои луғавӣ, ки дар кор дида мешавад, нишондиҳандаи саҳми шахсии муаллиф мебошад.

Таҳқиқи диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки дорои тарҳу сохтори комил ва алоқамандии устувори мантиқӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона таълиф шудааст. Хусусан, дидгоҳҳои хусусии муаллиф, пешниҳоди ҷанбаҳои нави илмӣ ва истифода аз равишҳои муосири педагогӣ зимни таҳлилу таснифи воситаҳои тасвири бадеӣ ва маводди луғавии марбут ба фарҳанги нутқ, ки дар кор дида мешавад, далели боэътимоди саҳми бевоситаи муаллиф ба шумор меравад.

Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия. Дар баробари муваффақиятҳои назарраси илмиву амалии таҳқиқот, баъзе нуктаҳои мубҳаму норавшан мушоҳида мешавад, ки ба назар гирифтани онҳо ба манфиати кор аст:

1. Дар боби чорум зимни пешниҳоди машқу супоришҳои эҷодӣ мувофиқтар мебуд, ки роҳҳои истифодаи технологияҳои рақамӣ ва барномаҳои муосири таълимӣ дар омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ бештар фаро гирифта шаванд.

2. Дар боби сеюм ҳангоми таҳлили китобҳои дарсӣ тафовути сатҳи фарогирии воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар мактабҳои тамоюли гуманитаридошта ва мактабҳои умумӣ метавонист боз ҳам муфассалтар қиёс карда шавад.

3. Хуб мебуд, дар диссертатсия ба ҷойи истилоҳоти русии «система», «лексика», «минимум» гунаҳои тоҷикии он, яъне «низом», «калима» ва «ҳадди ақал» истифода мегардид.

4. Дар баъзе фаслҳо мисолҳои шоҳид аз осори адабӣ ниҳоят фаровонанд, ки ҳаҷми матнро зиёд кардаанд, ҳол он ки таҳлили ғоявии онҳо кифоягӣ мекард.

5. Дар қисмати тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот зербоби 11-ум афтодааст.

6. Дар кор баъзе ғалатҳои имлоӣ, китобатӣ ва услубӣ ба назар мерасад.

Мулоҳизаҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, ба ҳеҷ ваҷҳ мазмуну муҳтавои диссертатсияро коҳиш намедиҳад, зеро муаллиф вазифаҳои дар назди худ гузоштаро дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ ба анҷом расонида, ба дастовардҳои муҳимми илмӣ ноил гаштааст.

Автореферати дисертатсия тибқи тартиби муқаррагардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ таҳия гардида, мазмуни кори таҳқиқро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия. Хулоса, диссертатсияи доктории Солеҳзода Шоира Солеҳ дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон» таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ мувофиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика. 5.3.5.3. Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (фаронсавӣ ва олмонӣ)-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Сайфуллоева Зарина Хайруллоевна омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (Протоколи № 1 аз «25» августи соли 2026-ум).

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 12 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 12 нафар; зид – нест; бетараф – нест.

Раиси ҷаласа:
Доктори илмҳои филологӣ, профессор,
мудири кафедраи методикаи таълими
забон ва адабиёт Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир

Эксперт:
доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи методикаи таълими
забонҳои хориҷӣ (фаронсавӣ
ва олмонӣ) Сайфуллоева Зарина Хайруллоевна

Котиби илмии ҷаласа:
номзади илмҳои филологӣ,
дотсент Турсунова Мунаввара Азамовна

«Имзоҳои Қосимӣ С.А., Сайфуллоева З.Х. ва Турсунова М.А.-ро тасдиқ мекунам»:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Қодирзода Сайвалӣ

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: 734003, ш. Душанбе,
Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 121
E-mail: info@ tgpu.tj
WWW: www. tgpu.tj; Тел.:+992 (37) 224 13 83

«25» 08 соли 2026